# 12 00 00 ҲУҚУҚШИНОСӢ
# 12 00 00 ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 12 00 00 LAW SCIENCES

## 12.00.01 ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ
## 12.00.01 THEORY AND HISTORY OF STATE AND LAW; HISTORY OF TENETS RELATED TO STATE AND LAW

*УДК 347.1*
*ББК 67.404.06*

### *АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН АЗ ЗАРАРИ МАЪНАВӢ*

***Азиззода Убайдулло Абдулло,** д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, **Бобохонов Фаридун Аламшоевич,** ёвари ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ (Тоҷикистон, Душанбе)*

### *НАЦИОНАЛЬНАЯ И МЕЖДУНАРОДНАЯ ПРАВОВАЯ ОСНОВА ЗАЩИТЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА ОТ МОРАЛЬНОГО ВРЕДА*

***Азиззода Убайдулло Абдулло,** д-р юрид. наук, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ; **Бобохонов Фаридун Аламшоевич,** помощник ректора Педагогического института Таджикистана в Раштском районе, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ (Таджикистан, Душанбе)*

### *NATIONAL AND INTERNATIONAL LEGAL FRAMEWORK FOR Advocating HUMAN RIGHTS FROM MORAL HARM*

***Azizzoda Ubaidullo Abdullo,** Dr. of Law, Professor of human rights and comparative science of law department of the juridical faculty under the Tajik National University, **Bobokhonov Faridun Alamshoevich,** assistant of the rector of the Tajik State Pedagogical Institute in Rasht nokhiya, graduate of human rights and comparative science law department of the juridical faculty under the Tajik National University. (Tajikistan, Dushanbe) **E-MAIL:** farodil_ff@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** ҳифзи ҳуқуқи инсон,асосҳои ҳуқуқӣ ва байналмилалӣ, зарари маънавӣ, неъматҳои ғайримоддӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ*

*Масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Зимни таҳлили муқоисавии санадҳои байналмилалӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ асоснок намуда, ҳамзамон андешаҳои*

*муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар ин хусус матраҳ шудаанд. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалӣ муайян шудааст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари санадҳои байналмилалӣ ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ ба таври зарурӣ ба роҳ мондааст.*

***Ключевые слова:*** *защита прав человека, национальные и международные основы, моральный вред, нематериальные блага, законодательство Республики Таджикистан, международные документы*

*Рассматривается защита прав человека от морального вреда в соответствии с законодательством Республики Таджикистан и международными стандартами. В ходе сравнительного анализа международных документов с законодательством Республики Таджикистан обосновывается регулирование нематериальных благ и защиты прав человека от морального вреда в соответствии с международными стандартами и национальным законодательством, отражая при этом взгляды отечественных и зарубежных исследователей. В результате сравнительно-правового анализа законодательства Республики Таджикистан и международных стандартов определено, что законодательство Республики Таджикистан, наряду с международными инструментами, обеспечивает необходимую защиту прав человека от морального вреда.*

***Key-words:*** *human rights advocacy, national and international foundations, moral harm, intangible benefits, legislation of the Republic of Tajikistan, international documents.*

*The article examines advocacy of human rights from moral harm in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and international standards. In the course of a comparative analysis of international documents with the legislation of the Republic of Tajikistan the authors substantiate regulation of intangible goods and protection of human rights from moral harm in accordance with international standards and national legislation reflecting hereby the views of domestic and foreign researchers.*

*As a result of a comparative-legal analysis of the legislation of Tajikistan Republic and international standards, the authors certify that the legislation of the Republic of Tajikistan, along with international instruments, provides necessary protection of human rights from moral harm.*

Роҳҳо ва тарзу усулҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд. Ҳуқуқу озодиҳои ғайримоддии инсон ва ҳифзи онҳо аз зарари маънавӣ мавзӯи танзимии на танҳо қонунгузории миллӣ, балки санадҳои байналмилалӣ низ мебошанд. Бинобар ин, асосҳои ҳуқуқии танзими ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: асосҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ. Дар ин хусус олимони ҳуқуқшинос андешаҳои илман асоснок пешниҳод кардаанд. Тавре Д.С. Раҳмон қайд менамояд, имрӯз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва василаҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон чунон устувор гашта, доман афрохтаанд, ки дигар ҳар як сокини сайёра метавонад онҳоро ҳамчун дастоварди миллии худ қабул кунад ва барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳояш аз онҳо истифода барад[23, с. 45]. Ба андешаи У.А. Азиззода дар нимаи дуюми асри XX қабул намудани санадҳои байналмилалии муосири универсалӣ ва минтақавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд аз амалҳои ҷинояткорона, ки ҳамчун стандартҳои умумиэътирофгашта дар ин самт дониста мешаванд, суръати тоза гирифт[13, с. 57]. А.М. Диноршоев ишора мекунад, ки дар миёнаҳои асри 20 дар фаҳмиши ҳуқуқи инсон самти нав -

консепсияи универсалии ҳуқуқи инсон пайдо мешавад. Он бо қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар алоқаманд аст. Моҳияти ин консепсия дар он аст, ки ҳуқуқи инсон аз масъалаи сирф дохилӣ даст кашида, ба як масъалаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст[18, с. 45-48]. Б.А. Сафарзода қайд кардааст, ки дар ҳақиқат имрӯз ҳуқуқи инсон ва стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи санадҳои зиёди байналмилалӣ нисбат ба кишварҳои аъзо ё ҳамроҳшуда як қатор ӯҳдадориҳоро пешбинӣ менамояд [25, с. 6]. Ба андешаи Д.С. Раҳмон аҳли башар манзалат ва ҳуқуқу озодиҳои инсонро аз ҷумлаи бузургтарин неъматҳо эътироф карда, дар роҳи таъмини тантанаи ҳуқуқҳои инсон то ба имрӯз чораҳои муассири дохилидавлатӣ ва байналмилалиро раво дидааст[23, с. 5]. Ба ақидаи Ҷ. Саъдизода маҳз чунин ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ боиси он гаштаанд, ки фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон баланд гардида, дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо таъсири мусбатро гузорад[26, с. 51-54]. Аз андешаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ стандартҳои умумиэътирофшударо оид ба эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи инсон қабул кардааст. Ҳамзамон, андешаҳои муҳақиқон аз таъсири стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба қонунгузории миллӣ ишора менамоянд.

Неъматҳои ғайримоддие, ки дар натиҷаи поймол кардани онҳо ба инсон зарари маънавӣ расонида мешавад ва онҳоро санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва ҳифз кардаанд – ҳаёт ва саломатӣ, шаъну шараф ва дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопарзирии ҳаёти хусусӣ ва сирри шахсию оилавӣ, озодии виҷдон ва эътиқод, озодии ҳаракат ва интихоби ҷои зист, ҳуқуқи номдорӣ ва ҳуқуқҳои муаллифӣ мебошанд. Яке аз муҳимтарин неъматҳои ғайримоддии инсон, ки сарчашмаи дигар неъматҳои маънавӣ ба ҳисоб меравад, ҳаёт мебошад. Дар натиҷаи суиқасд ба ҳаёт, худи инсон дучори зарари маънавӣ мегардад, дар натиҷаи аз ҳаёт маҳрум кардани шахс бошад, наздикони ӯ дучори зарари маънавӣ мегарданд. Ҳаёт неъмати олӣ буда, аз лаҳзаи аз батни модар ҷудо шудани кӯдаки солим то лаҳзаи фаъолияти ҳамаи узвҳои мағзи (майнаи) сар ба миён меояд. Баъзе муҳаққиқон ибтидои ҳаётро аз лаҳзаи ҳамл эътироф мекунанд. Т. Шарипов бар он назар аст, ки ҳуқуқ ба ҳаёт сарчашмаи асосии ҳамаи ҳуқуқҳои дигар мебошад, ки бидуни он вуҷуд доштан ва фаъолияти дигар ҳуқуқҳо ғайриимкон мегардад[21, с. 195]. Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев ҳуқуқ ба зиндагӣ ҳам ҳуқуқи табиӣ ва ҳам ҳуқуқи шахсист. Дар ҳама гуна ҳолат, шахс барандаи ҳуқуқу озодиҳост ва ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ӯ ҳаққи зиндагӣ дорад[21, с. 195]. Д.С. Раҳмон ҳаётро яке аз арзишҳои асосии ҳаёти инсонӣ донистааст[23, с. 44]. Бобоҷонов И.Х. оид ба муҳиммияти ҳаёт қайд менамояд, ки ҳеҷ кас ба касе ҳаёт намедиҳад ва намебахшад. Ҳаёт танҳо як ҳолати табиӣ нест. Ҳаёт маҷмӯи муносибатҳоест, ки қонун эътироф ва кафолат додааст[15, с. 31]. Ҳаётро ҳамчун неъматҳои бебаҳои ғайримоддӣ на танҳо муҳаққиқон, балки санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон марвиди эътироф ва ҳифз қарор додаанд[24, с. 221-225].

Дар санадҳои байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи шахс ба ҳаёт эҳтироми хосса зоҳир карда шудааст [20, с. 41]. Ҳаққи ҷудонопазир будани ҳуқуқ ба ҳаётро Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба таври дақиқ муқаррар кардааст[2, м. 3]. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бошад, муқаррар кардааст, ки ҳар як инсон ба ҳаёт ҳуқуқи ҷудонопазир дорад ва ҳеҷ касро худсарона аз ҳаёт маҳрум кардан мумкин нест[3, м. 6]. Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон нисбат ба дигар санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқ ба ҳаёт доштани ҳар касро дар қисмати аввал муқаррар кардааст[4, м. 2].

Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ бо қонун ҳифз шудани ҳуқуқ ба ҳаётро барои ҳар як инсон кафолат додааст[5, м. 2]. Конвенсияи Амрикоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёт ва бо қонун ҳифз гардидани ҳаётро аз рӯзи пайдоишаш кафолат додааст[6, м. 4]. Тавре аз мазмуни меъёрҳои санадҳои фавқуззикр бармеояд ҳама меъёрҳо як маъноро ифода мекунанд. Яъне ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад ва ин ҳуқуқ бо қонун ҳифз карда мешавад. Ба андешаи Ҳ.Ш. Имомов ҳуқуқ ба ҳаёт дар аксарияти меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва конститутсияҳои давлатҳои дунё ҳамчун ҷузъи таркибии ҳуқуқи инсон кафолат дода ва ҳифз карда мешавад. Ҳеҷ кас аз ҳаёташ маҳрум карда намешавад. Дар аксарияти давлатҳое, ки зери таъсири калисои католикӣ қарор доранд, инсонҳо аз ҳаёт маҳрум карда намешаванд[20, с. 41].

Маврид ба зикр аст, ки дар баробари санадҳои байналмилалӣ қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳифзи ҳаётро ба роҳ мондааст. Зеро меъёрҳои байналмилалӣ дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд. Тавре С.М. Бухориева қайд менамояд эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини баробарҳуқуқӣ аз меъёрҳои байналмилалӣ сарчашма гирифта, дар қонунгузории миллии давлатҳо инъикос мегарданд[16, с. 86]. Ҳаёт - ин хусусияти табиии инсон ба шумор меравад, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад. Қонунгузор ҳар як касро новобаста аз сину сол, вазъи саломатӣ, қобилияти физиологӣ ва маънавии ӯ аз таваллуд то марг ҳифз мекунад. Бешубҳа ҳаёт бузургтарин неъмат аст, ки бидуни он дигар арзишу ченакҳо қимати худро гум мекунанд. Ҳаёт модари ҳамаи дигар ҳуқуқҳои инсон аст[22, с. 266]. Ҳуқуқ ба ҳаёт имконияти табиист, ки ба инсон дахлнопазирии ҳаёт ва озодии ихтиёрдории онро бо меъёрҳои қонунгузории дохилӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ кафолат медиҳад. Ҷомеаи байналмилалӣ ҳуқуқ ба ҳаётро ҳамчун як ҳуқуқи фитрӣ эътироф намуда, меъёрҳои асосиро муқаррар менамояд, ки мувофиқи он ҳар як давлате, ки эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро эътироф мекунад, бояд мавқеи худро нисбати ҳаёти ҳар як шахс муайян кунад[19, с. 100].

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро ишғол менамояд, ки 6-уми ноябри соли 1994 бо тариқи райпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст. Тавре У.А. Азиззода қайд менамояд, ки рушди давлатдории муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи устувори конститутсионӣ ва ҳуқуқие, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад ва он барои ташаккули ҳуқуқ ва давлати демократӣ асос гузоштааст[12, с. 435]. Конститутсияи мазкур, дар таърихи ҳуқуқи Тоҷикистон нахустин санади олии ҳуқуқие ба ҳисоб меравад, дар он нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, махсусан ҳуқуқу озодиҳо ва неъматҳои ғайримоддӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст. А.М. Диноршоев дуруст қайд менамояд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 ба масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд диққати махсус дода шудааст[17, с. 139]. Дар он ба масъалаи эътироф ва ҳифзи ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддии инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ меъёрҳои дахлдор муқаррар карда шудааст. Конститутсия аввалан ҳаётро ҳамчун арзиши олӣ ва дахлнопазир дониста, пасон ҳуқуқи ҳар як инсонро ба ҳаёт муқаррар кардааст[1, м. 5,18].

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ танҳо дар Конститутсия ба итмом намерасад, балки аз ҷониби қонунгузории соҳавӣ низ ба роҳ монда

мешавад. Чун масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ падидаи комплексии ҳуқуқ мебошад, он дар пайравӣ ва мувофиқ ба муқаррароти конститутсионӣ дар санадҳои дигари қонунгузорӣ низ муқаррар шудааст. Яке аз чунин санадҳои муҳим, ки ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ ба роҳ мондааст, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз 21-уми майи соли 1998 қабул карда шудааст. Оид ба қабули ин санади муҳим муҳаққиқ У.А. Азиззода қайд менамояд, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ (соли 1998) дар назди таҳиягарон якчанд вазифаҳо меистод, ки яке аз онҳо дар шакли пурра таъмин кардани принсипи давлати ҳуқуқӣ – ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Таҳиягарони лоиҳа кӯшиш мекарданд, ки дар мазмуни Кодекси ҷиноятӣ ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва бехтарии шахсият – ҳифзи умумиҷаҳонии ҳаёт, саломатӣ, шаъну шарафи шаҳрванд, дахлнопазирии ҷисмонӣ ва равонии ва монанди инҳо ҳаматарафа инъикос карда шаванд[11, с. 290]. Кодекси ҷиноятӣ ҳаёти инсонро бо таҳдиди татбиқи ҷазо мавриди ҳифз қарор додааст. Аз ҷумла, моддаҳои 104-109 кирдорҳои ҷиноятиеро фаро мегиранд, ки сирф баҳри ҳифзи ҳаёти шахс равона карда шудаанд[7, м. 104-109].

Қонунгузории миллӣ тартиби мурофиавии ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ дар қонунгузории мурофиавӣ-граждании ва мурофиавӣ-ҷиноятӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондааст. Институтҳо ва меъёрҳои қонугузориҳои дар боло зикргардида бевосита ва ё бавосита баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, махсусан ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахс равона гардидаанд. Чунончи, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 5-уми январи соли 2008 қабул карда шудааст, дар танзим ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ нақши калон дорад. Аз ҷумла, моддаи 59-и санади номбурда ба ҳифзи ҳаёти инсон нигаронида шудааст[10, м. 59]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3-юми декабри соли 2009 қабул карда шудааст, як қатор муқарраротеро оид ба масъалаи эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар бар, ки дар натиҷаи содир гардидани кирдори ҷиноятикорона расонида шудааст ва ё роҳҳои барқарор ва ҳифзи онҳоро бо тариқи мурофиавӣ пешбинӣ менамояд. Санади номбурда ҳифзи ҳаётро дар моддаи 12 пешбинӣ кардааст[8, м. 12].

Дар масъалаи танзими ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Тавре муҳаққиқон қайд менамоянд дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳое мавҷуданд, ки ба танзими васеътари ҳуқуқҳои шахсӣ нигаронида шудаанд, ки аз қонунгузории қаблии граждании ба куллӣ фарқ мекунанд[14,с.10]. Қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30 ноябри соли 1999 қабул карда шудааст меъёрҳои зиёдедро оид ба масъалаи эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ муқаррар намудааст. Ҳаётро ҳамчун яке аз олитарин неъматҳои ғайримоддӣ, ки аз инсон ҷудонашаванда мебошад, Кодекси граждании дар моддаи 140 ва 170 муқаррар кардааст[9, м. 140, 170].

Дар натиҷаи таҳлили мавзуъ маълум гардид, ки ҳаёт яке аз неъматҳои бебаҳои инсонӣ буда, ҳар як инсон ба он ҳуқуқи ҷудонопазир дорад. Далели ин гуфтаҳо дар он ифода меёбад, ки санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ ҳуқуқ ба ҳаётро барои ҳар як инсон кафолат дода, ҳамзамон ҳифзи онро ба роҳ мондаанд. Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқест, ки аз он ҳама ҳуқуқҳои дигари инсон бармеоянд ва бе ин ҳуқуқ тамоми ҳуқуқҳои дигар маънӣ ва моҳияти худро аз даст медиҳанд. Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи насли аввал аст ва ба гурӯҳи ҳуқуқҳои шахсии инсон дохил мешавад. Он арзиши мутлақи тамаддуни ҷаҳонро ифода мекунад. Таҳлили

мавзуъ нишон дод, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ ҳаётро ҳамчун бузургтарин неъмати ғайримоддии инсон эътироф ва ҳифз мекунанд.

***Пайнавишт:***

1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 32 с.*
2. *Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 6 с.*
3. *Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 19 с.*
4. *Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз 26 майи соли 1995. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://cis.minsk.by/page/ (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 13 с.*
5. *Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳифзи инсон ва озодиҳои асосӣ аз 4 ноябри соли 1950. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.echr.coe.int/ (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 34 с.*
6. *Конвенсияи Америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз 22 ноябри соли 1969. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http:///online.zakon.kz санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 22 с.*
7. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, № 574. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 168 с.*
8. *Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 132 с.*
9. *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. аз 30 июни соли 1999, № 802. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 108 с.*
10. *Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, № 341. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 96 с.*
11. *Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.*
12. *Азизов У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан. // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах. Коллективная монография. – СПб., 2019. – С. 435-439.*
13. *Азиззода У.А., Езидяр М.А. Таърихи инкишофи стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи қурбониёни ҷиноят // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020, №1 (29). – С. 55-66.*
14. *Бабаджанов И.Х., Тагайназаров Ш.Т. Развитие теории личных неимущественных прав в гражданском праве Республики Таджикистан //Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». – №4 (28), 2017. – 5-22.*
15. *Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовая категория: в 3-х частях. Книга первая. – Душанбе, 2016. – 186 с.*
16. *Бухориева С.М. Нақши стандартҳои байналмилалӣ дар таъмини баробарҳуҳуқӣ дар Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – № 4, (28) 2019. – С. 86-91.*
17. *Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. доктора юридических наук. – М., 2015. – 535 с.*

18. *Диноршоев А.М. Формирование современных концепций прав человека// Закон и право. – 2015, № 6. – С. 45–48.*
19. *Диноршоев А.М., Неъматова М.А. Масъалаҳои мубрами огози ҳаёт: мушкилоти назария ва танзими қонунгузорӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – № 1, (29) 2020. – С. 99-113.*
20. *Имомов Ҳ.Ш., Аброр М.И. Роҷеъ ба мазмун ва моҳияти ҳуқуқу озодиҳои фардии инсон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020, № 3 (19). – С. 37-43.*
21. *Курбонализода Н.Ш. Право на жизнь как личное неимущественное право в составе гражданской правоспособности физических лиц // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017, №2/7. – С. 194-199.*
22. *Қудратов Н.А., Мирзоева Қ.А., Наврузова С.М. Содиркунии ҷиноятҳое, ки бо пандемияи Covid 19 алоқамананд // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020, № 4 (34). – С. 264-270.*
23. *Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе – 2019. – 64 с.*
24. *Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и современность. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 324 с.*
25. *Сафарзода Б.А. Таъсири стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018, №1(3). – С. 5-9.*
26. *Саъдизода Ҷ. Фарҳанги ҳуқуқи инсон ҳамчун кафолати давлатии давлатии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2013, №3/7, қисми 2(124). – С. 51-54.*

**_Reference Literature:_**

1. *The Constitution of the Republic of Tajikistan from November 6, 1994 with alterations and addenda from September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. [Electronic resource]. Access Regime: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 32 pp.*
2. *Universal Declaration of Human Rights from December 10, 1948. [Electronic resource]. Access Regime: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 6 pp.*
3. *International Covenant on Natural and Political Rights from December 16, 1966. [Electronic resource]. Access Regime: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 19 pp.*
4. *Convention of Commonwealth of Independent States on Human Rights and Freedoms from May 26, 1995. [Electronic resource]. Access Regime: URL: https://cis.minsk.by/page/ (application date: 13.08.2021). - 13 pp.*
5. *European Convention for the Protection of Human Rights and Fundamental Freedoms from 4 November 1950. [Electronic Resources]. Access Regime: URL: https://www.echr.coe.int/ (application date: 13.08.2021). - 34 p.*
6. *American Convention on Human Rights from November 22, 1969. [Electronic resource]. Access Regime: URL: http:///online.zakon.kz application date: 13.08.2021). - 22 pp.*
7. *Criminal Code of the Republic of Tajikistan from May 21, 1998, № 574. [Electronic resource]. Access Regime: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 168 pp.*
8. *Criminal Procedural Code of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2009, № 564. [Electronic resource]. Access Regime: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 132 pp.*
9. *Civil Code of the Republic of Tajikistan. Part 1. From 30 June 1999, № 802. [Electronic Resource]. Access Regime: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 108 pp.*

10. *Civil Procedural Code of the Republic of Tajikistan from January 5, 2008, № 341. [Electronic resource]. Access Regime: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 96 pp.*
11. *Azizov U.A. Evolution of the Institutions of Crime and Punishment on the Territory of Historical and Modern Tajikistan: historico-legal research: monograph / [editor-in-charge: F.T. Takhirov]. - Dushanbe: Andaleb-R, (Nightingale) 2015. – 368 pp.*
12. *Azizov U.A. Constitutional Foundations of Judicial-Legal Policy in the Republic of Tajikistan // Judicial-Legal Policy in Russia and Foreign Countries. Collective monograph. - St. Petersburg, 2019. - pp. 435-439.*
13. *Azizzoda U.A., Ezidyar M.A. The History of the Development of International Standards for Advocacy of the Rights of Victims of Crime // Legal Life. - 2020, №. 1 (29). - pp. 55-66.*
14. *Babadzhanov I.Kh., Tagainazarov Sh.T. Development of the Theory of Personal non-Property Rights in the Civil Law of the Republic of Tajikistan // Scientifico-analytical journal "Legislation". - №. 4 (28), 2017. – pp. 5-22.*
15. *Babadzhanov I.Kh. Human Life and Death as an Institutional-Legal Category: in 3 parts. Book one. - Dushanbe, 2016. - 186 pp.*
16. *Bukharieva S.M. The Role of International Standards in Ensuring Equality in Tajikistan // Legal Life. - № 4, (28) 2019. - pp. 86-91.*
17. *Dinorshoev A.M. Constitutional Foundations for Regulation and Implementation of Human and Civil Rights and Freedoms in the Republic of Tajikistan. Doctoral dissertation in jurisprudence. - Moscow, 2015. - 535 pp.*
18. *Dinorshoev A.M. Formation of Modern Concepts of Human Rights // Law and Jurisprudence. - 2015, №. 6. - pp. 45–48.*
19. *Dinorshoev A.M., Nematova M.A. Topical Issues of the Beginning of Life: Problems of Theory and Regulation of Legislation // Legal Life. - № 1, (29) 2020. - pp. 99-113.*
20. *Imamov Kh.Sh., Abror M.I. On the Content and Essence of Individual Human Rights and Freedoms // State and Human Rights. - 2020, № 3 (19). - pp. 37-43.*
21. *Kurbonalizoda N.Sh. The Right to Life as a Personal non-Property Right as Part of Civil Legal Capacity of Individuals // Bulletin of the Tajik National University // Scientific Journal. Socio-Economic and Social Sciences. - 2017, № 2/7. - pp. 194-199.*
22. *Kudratov N.A., Mirzoeva K.A., Navruzova S.M. Criminal Transgressions Committed in the Period of Covid-19 Pandemics // Bulletin of the Tajik State Commercial University. - 2020, № 4 (34). - pp. 264-270.*
23. *Rakhmon D.S. Human Rights in the Context of Globalization and Intensification of Cultural and Civilizational Differences: Theoretical, Methodological and Practical Legal Issues. Synopsis of Doctoral dissertation in jurisprudence. - Dushanbe - 2019. - 64 pp.*
24. *Safarzoda B.A. International Human Rights Standards: Past and Present. - Dushanbe: ER-Graph, 2016. - 324 pp.*
25. *Safarzoda B.A. The Impact of International Human Rights Standards on the National Legislation of the Republic of Tajikistan // State and Human Rights. - 2018, № 1 (3). - pp. 5-9.*
26. *Sadizoda J. The Culture of Human Rights as a State Guarantee for Human Rights and Freedoms // Bulletin of the Tajik National University // Scientific Journal. Socio-Economic and Social Sciences. - 2013, № 3/7, part 2 (124). - pp. 51-54.*